К. К. АЛАВИ

ДАР ҶУСТУҶӮИ ТАКЯГОҲ

Ман хурсандии калонтарини ҳаёти худро ба шумо расондан мехоҳам, яъне: чӣ тавр ман Масеҳи Наҷоткорро қабул намудам. Ин ҳикоят дар бораи некии илоҳӣ, дар бораи он аст, ки чӣ тавр Худо ба ман муҳаббати худро ошкор намуд ва роҳи наҷотро нишон дод. Аммо беҳтар он аст, ки ҳамаашро аз аввал сар кунам.

КӮДАКӢ

Ман 15-уми июли соли 1951 таваллуд шудаам. Падарам дар деҳаи хурди Черукунну дар иёлати Керала, ҷанубии Ҳиндустон, мулло буд. Дар байни аҳли деҳа оилаи мо барои диндории зиёд ва риояи қатъии ҳамаи урфу одатҳои исломӣ эҳтироми зиёд дошт. Аз ҷумлаи вазифаҳои асосии падарам ба сокинони деҳа Қуръонро ба забони арабӣ хондан буд, аммо бо вуҷуди ҳамаи машғулиятҳои худ ӯ таълим додани фарзандони худро низ фаромӯш намекард.

Ман то ҳол дар ёд дорам, ки чӣ тавр пас аз дуои бегоҳӣ ман болои зонуи падарам нишаста, порчаҳои гуногунро аз Қуръон гӯш мекардам. Ҳар рӯз барои мо бо хондани Қуръон ва дуо гуфтан сар мешуд ва ба охир мерасид. Ин интизоми қатъии рӯҳонӣ тамоми рафти ҳаёти моро муайян менамуд.

Ҳангоме ки ман панҷсола шудам, маро ба мадрасаи (мактаби динии мусулмонӣ) наздиктарин доданд, то ки забони арабиро омӯзам ва мустақилона Қуръонро хонда тавонам. Дар мадраса дигар фанҳои таҳсилоти умумӣ низ буданд. Дар синни даҳсолагӣ ман ба мактаби муқаррарӣ дар маҳалли Коттакал, ки дар наздикии хонаамон буд, рафта, яку ним сол таҳсил намудам. Аммо бо сабабҳое ки дар давоми ҳикоят нақл мекунам, ман дар ин мактаб таҳсилро давом дода натавонистам.

РӮЗИ ХОТИРНИШОН

Боре дар рӯзи шанбе (шанбе дар Коттакал рӯзи бозор аст) ману ҷӯраҳоям ҳангоми аз мактаб бозгаштан издиҳоми калони мардумро дар майдони бозор дидем. Мо наздиктар омада, дидем, ки дар атрофи гурӯҳи хурди масеҳиён, ки ба одамони атроф дар бораи имони худ мегуфтанд, ҳикояҳоро аз зиндагии Масеҳ нақл мекарданд ва адабиёти масеҳиро мефурӯхтанд, мардум ҷамъ шудаанд. Дар аввал ин ба мо ғалатй тофт, ва мо башоратдиҳандагонро масхара кардан гирифтем, аммо баъд, бо кадом як сабаб, ба ҳар ҳол ду китобча харидем. Китобчаи ман «Дили Пак», китобчаи ҷӯраам бошад «Роҳи наҷот» ном дошт. Дар роҳ ба сӯи хона мо он чиро, ки дидем ва умуман масеҳиёнро муҳокима менамудем. Ногоҳ ҷӯраам бе ҳеҷ як сабаб китобчаашро пора-пора карда, партофт. Аммо ман қарор додам, ки китобчаамро нигоҳ дорам, агарчи он вақт аз масеҳиён нафрат доштам. Ба хона омада, ман ҷои хилватеро ёфта, ба хондани «Дили Пак» сар кардам. Дар он сӯҳбати шавқоваре байни писарак ва шахси масеҳй тасвир ёфта буд. Ман китобчаро хонда, торафт бештар ба фикр фурӯ мерафтам, ки оё Исое ки дар ин китобча зикр мешавад, ҳамон пайғамбар Исо нест, ки ман аз муаллимонамон дар бораи ӯ бисёр шунидаам. Аммо, ба назари ман, ин Исо ба Исо аз Қуръон на он қадар монанд буд. Масалан, ман хондам, ки ӯ гуноҳҳоро бахшида метавонист. Зиёда аз ин, маҳз ба шарофати раҳмдилии ӯ қаҳрамони китоб пурра дигаргун шуд, ва ман ба Исо ҳусни таваҷҷӯҳ пайдо намудам.

Ҳангоме ки ман да бораи ҳолати рӯҳонии писарак мехондам, ҳис мекардам, ки шахси масеҳй ба дили ман низ муроҷиат мекунад. Ба ман ҳатто чунин тофт, ки дили ман назар ба дили он писарак дар ҳолати боз ҳам 4бадтар қарор дорад. Аз ин бемории рӯҳ чй тавр озод шудан мумкин аст? Китобча роҳи баромадро пешниҳод менамуд, аммо онро рад менамудам, зеро ба мо ҳамеша таълим медоданд, ки гуноҳҳоро на Исои пайғамбар, балки фақат Худо бахшида метавонад.

Аммо ба ҳар ҳол хониш ба дили ман таъсири амиқ намуд - дар ман ҳисси қавии гуноҳкории худ пайдо шуд. Вақте ки ман мемирам, бо ман чй мешавад? Охир, ҳеҷ кас аз марг ва аз рӯзи доварй раҳой надорад. Ана ҳамон вақт, баъди андешароиҳои зиёд, дар ман фикре пайдо шуд, ки ба воситаи курси ғоибонаи омӯзиши масеҳй ба воситаи мукотиба, ки дар китобча эълон шуда буд, дар бораи Исо бештар маълумот пайдо намоям.

ДАВОМ ЁФТАНИ МАШҒУЛИЯТҲО

Маркази омӯзиши ғоибона дарҳол маводи даркориро фиристод, аммо мутаассифона, ходими почта онҳоро на ба ман, балки ба амакам оварда дод. Ӯ лифофаро кушода, дар он китобчаҳои масеҳиро ёфт. Рӯзи дигар ӯ онро ба падарам ва ба дигар бардарони худ нишон дод, ва онҳо қарор доданд, ки ин машғулиятҳои маро ба таври ниҳой қатъ намоянд.

Бегоҳй, ҳангоме ки ман аз мактаб омадам, ӯ маро ба сутуни кунҷакии долон баста, то вақти афтиданам бо чӯб зад. Пагоҳии рӯзи дигар ӯ маро назди худ ҷеғ зада, навозишкорона гуфт: «Мо, мусулмонон, набояд чунин китобҳоро хонем, Онҳо барои мо мамнӯъ мебошанд. Китобҳои масеҳй махсусан хатарноканд. Онҳо чунон ҷолиб ҳастанд, ки агар онҳоро хондан гирем, ҳамчунин масеҳй мешавем. Он гоҳ бо оилаи мо чй мешавад? Ҷамоат аз мо ҳамчун аз муртадҳое ки исломро шарманда мекунанд, рӯ мегардонад, ва тамоми зиндагии мо барбод меравад». Ман ба падарам ваъда додам, ки дигар ҳеҷ гоҳ ба адабиёти масеҳй даст намерасонам.

Ман китобчаамро пора-пора карда, сӯзондам, ва худро сарзаниш мекардам, ки чаро ба намунаи ҷӯраам пайравй нанамудам ва ин корро пештар накардам. Аз ҳамон вақт ман мусулмони тақводор шудам, ки ҳеҷ як дуои даркориро мавқуф намегузоштам. Вақт мегузашт, шубҳаҳо барҳам хӯрданд, аммо ҳар боре ки он китобчаро ба ёд меовардам, дар дилам изтироб пайдо мешуд, ва ман дар бораи ҷони худ фикр мекардагй шудам.

Ва баъд, магар ман номи «Исо»-ро фаромӯш карда метавонистам, дар ҳоле ки ҳар бегоҳ ҳангоми хониши оятҳои Қуръон онро такрор менамудам! Ниҳоят қарори наҷотбахш омад - омӯхтани ҳаёти Исо аз рӯи Қуръон ва дигар адабиёти исломй. Забони арабиро ман хуб намедонистам, аммо аз ҳамон замон ман таҳти роҳбарии дӯсти наздики оилаамон Юсуфи Малавй, ки дар мактаби назди хонаамон муаллими забони арабй буд, бо ҷидду ҷаҳд онро омӯхтан гирифтам. Баъди муддате ман фаҳмидам, ки Исо дар Қуръон ва ҳадисҳо*) ҷои намоёне дорад. Ба ман ҳатто чунин намуд, ки дар Қуръон Исо назар ба Муҳаммад мақоми муҳимтаре дорад. Ба зудй муаллим ва тамоми аҳли оила ба майли ман, ки дар бораи Исо бештар фаҳмидан мехостам бо шубҳаи зиёд муносибат мекардагй шуданд ва бо мулоимат маслиҳат доданд, ки ба Муҳаммад диққати бештар диҳам. Аммо ман чун пештара ба он ҷойҳои Қуръон, ки Исо зикр мешавад, ба ҳикояти ғайриоддии таваллудшавии ӯ ва мӯъҷизаҳое ки ӯ ба амал меовард, таваҷҷӯҳ доштам.

إِذْ قَالَتِ
ٱلْمَلَٰٓئِكَةُ يَٰمَرْيَمُ إِنَّ ٱللَّهَ يُبَشِّرُكِ بِكَلِمَةٍ مِّنْهُ ٱسْمُهُ ٱلْمَسِيحُ
عِيسَى ٱبْنُ مَرْيَمَ وَجِيهًا فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ وَمِنَ ٱلْمُقَرَّبِينَ ﴿٤٥﴾
وَيُكَلِّمُ ٱلنَّاسَ فِى ٱلْمَهْدِ وَكَهْلًا وَمِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٤٦﴾ قَالَتْ
رَبِّ أَنَّىٰ يَكُونُ لِى وَلَدٌ وَلَمْ يَمْسَسْنِى بَشَرٌ ۖ قَالَ كَذَٰلِكِ ٱللَّهُ
يَخْلُقُ مَا يَشَآءُ ۚ إِذَا قَضَىٰٓ أَمْرًا فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٤٧﴾
وَيُعَلِّمُهُ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَٱلتَّوْرَىٰةَ وَٱلْإِنجِيلَ ﴿٤٨﴾
وَرَسُولًا إِلَىٰ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ أَنِّى قَدْ جِئْتُكُم بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ ۖ
أَنِّىٓ أَخْلُقُ لَكُم مِّنَ ٱلطِّينِ كَهَيْـَٔةِ ٱلطَّيْرِ فَأَنفُخُ فِيهِ
فَيَكُونُ طَيْرًۢا بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۖ وَأُبْرِئُ ٱلْأَكْمَهَ وَٱلْأَبْرَصَ
وَأُحْىِ ٱلْمَوْتَىٰ بِإِذْنِ ٱللَّهِ ۖ وَأُنَبِّئُكُم بِمَا تَأْكُلُونَ وَمَا تَدَّخِرُونَ
فِى بُيُوتِكُمْ ۚ إِنَّ فِى ذَٰلِكَ لَءَايَةً لَّكُمْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴿٤٩﴾
وَمُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَىَّ مِنَ ٱلتَّوْرَىٰةِ وَلِأُحِلَّ لَكُم
بَعْضَ ٱلَّذِى حُرِّمَ عَلَيْكُمْ ۚ وَجِئْتُكُم بِـَٔايَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ ۖ
فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ﴿٥٠﴾

«Фариштагон гуфтанд:«Эй Марям, Худотуро ба калимаи Худ башорат медиҳад; Номи ӯ Масеҳ, Исо писари Марям аст. Дар дунё ва охират обрӯманд ва аз наздикон аст. Бо мардум, дар гаҳвора ва куҳансолӣ сухан мегӯяд ва аз шоистагон аст».

Марям гуфт: «Эй Парвардигори ман,чйгуна маро фарзанде бошад, дар ҳоле км башаре ба ман даст назадааст?» Гуфт: «Ба он соп, км Худо ҳар чй бихоҳад, меофаринад. Чун иродаи чизе кунад, ба ӯ гӯяд: «Мавҷуд шав!» пас мавҷуд мешавад. Худо ба ӯ кмтобу ҳмкмат ва Тавроту Инҷмл меомӯзад.

Ва ба пайғамбарӣ бар банм Исроилаш мефиристад, км ман ба мӯъҷмзае аз Парвардигоратон наздм шумо омадаам. Бароятон аз гмл чмзе чун парранда месозам ва дар он медамам, ба мзнм Худо паррандае шавад ва кӯрм модарзод ва песшударо шмфо медмҳам. Ва ба фармонм Худо мурдаро змнда мекунам. Ва ба шумо мегӯям, ки чй хӯрдаед ва дар хонаҳои худ чй захира кардаед. Агар аз мӯъминон бошед, инҳо барои шумо нишонаҳои ҳаққонияти ман аст! Тавроти ҳозирро тасдиқ мекунам ва порае аз чмзҳоеро, км бар шумо ҳаром шуда, ҳалол мекунам. Бо нишоне аз Парвардигоратон назди шумо омадаам. Аз Худо битарсед ва манро итоат кунед!» (3:45- 50).

Ман ҳамчунин пай бурдам, ки Қуръон ба Таврот (Аҳди Қадим) ва Инҷил (Аҳди Ҷадид) ишора карда, маро даъват мекунад, ки ба он бовар кунам, чунки онҳо «ҳидоят ва нур» мебошанд (5:46).

Махсусан ин оят бисёр ба ёди ман меомад:


فَإِن كُنتَ فِي شَكٍّ مِّمَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ
فَسْـَٔلِ ٱلَّذِينَ يَقْرَءُونَ ٱلْكِتَٰبَ مِن قَبْلِكَ ۚ لَقَدْ جَآءَكَ
ٱلْحَقُّ مِن رَّبِّكَ فَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلْمُمْتَرِينَ ﴿٩٤﴾

«Агар дар он чй бар ту нозил кардаем, дар шубҳа ҳастй, аз онҳое, ки китоби осмонии пеш аз туро мехонанд, бипурс. Ҳароина ҳақ аст он чи аз ҷониби Парвардигорат бар ту нозил шудааст. Пас набояд дар шумори шубҳакунандагон бошй!» (10:94).

Ин оятро хонда, ман масеҳиён ва китобчаҳои онҳоро ба ёд меовардам. Охир, мувофиқи ислом, масеҳиён «аҳли Китоб» мебошанд. Агар Қуръон Муҳаммадро

даъват намуда бошад, ки ҳангоми шубҳаҳо ба масеҳиён муроҷиат намояд, чаро ман низ чунин накунам. Аммо ба масеҳиён муроҷиат кардани ман осон набуд, зеро то ҳол ман амалан бо онҳо ҳеҷ муошират надоштам. Ғайр аз ин, аҳли оилаи ман албатта инро хуш намепазируфтанд.

Дар қарибиҳои хонаи мо беморхонаи миссияи масеҳӣ буд, ва ману ҷӯраам Абдулло боре пинҳонӣ ба он ҷо рафтем. Дар он ҷо моро дорусози маҳаллӣ Кунюкуню вохӯрд, ки бо илтифоти тамом барои ёфтани намояндаи миссия ба мо ёрӣ дод. Мо ҷавон ва бетаҷриба будем, намедонистем, ки моро чӣ гуна қабул мекунанд, бинобар ин хеле асабонӣ мешудем. Аммо миссионер бо мо хеле хайрхоҳона вохӯрд, ва баъди чанд лаҳза мо худро чун дар хонаи худ эҳсос менамудем.

Андаке бо мо сӯҳбат карда, кӣ ва аз куҷо будани моро фаҳмида, ӯ пешниҳод намуд, ки ба мактаби якшанбегии онҳо биёем ва ба толори китобхонии китобхонаи адабиёти масеҳӣ равона кард. Дар он ҷо мо бо китобдор вохӯрдем, ки баъдтар на танҳо дӯсти наздики ман шуд, балки бадодари ҳақиқӣ гардид, ки ба ман дар бисёр нохушиҳо ва душвориҳо ёрӣ додааст. Ӯ маро ба гурӯҳи ғоибона, ки асосҳои таълимоти масеҳиро аз рӯи Инҷили Юҳанно меомӯхт, номнавис кард. Ва дар давоми якчанд ҳафта ману Абдулло пинҳонӣ аз падару модар ба мактаби 9 якшанбегӣ мерафтем. Гоҳо дӯстамон ба мо роҳпулӣ медод, аммо гоҳо мо масофаи панҷ милро аз хона то мактаб пиёда тай мекардем. Боре дар роҳ моро ҳамсояҳо дастгир карданд. Онҳо Абдуллоро пурсуков намуда лату кӯб карданд, то даме ки ӯ иқрор шуд, ки ҳар рӯзи якшанбе мо ба куҷо меравем.

Бегоҳии оянда, ман аз мактаб баргашта, модарам ва хоҳарамро гирён дидам - онҳо аллакай медонистанд, ки падарам барои ман чиро тайёр кардааст. Ҳамин ки ман ба хона даромадам, ӯ дарҳол ба ман дарафтода, баст ва ба девор рост монда, лату кӯб кард, ва илова ба ин, ба рӯй ба чашмони ман қаламфури тези сабзро молид. Дар давоми ҳамаи ин ҷазодиҳӣ падарам беист аз ман мепурсид, ки чаро бо вуҷуди манъ кардани ӯ, ман хондани адабиёти масеҳиро давом медиҳам ва чӣ тавр ман ҷуръат кардам, ки бо масеҳиён робита намоям. Модарам тоб наоварда, беҳуш шуда афтид. Баъди муддате яке аз ҳамсояҳо ва зани бародарам маро аз дастонам гирифта, назди чалаки об бурданд, то ки чашмонамро бо об шӯям.

Пагоҳии дигар падар маро ҷеғ зада, фармуд, ки аз пайи ӯ эътирофи имони мусулмониро аз пайи ӯ такрор кунам: «Нест худое ғайр аз Аллоҳ, ва Муҳаммад пайғамбари ӯст». Баъд ӯ ба ман дар бораи вайронии таълимоти масеҳӣ, таҳрифшуда будани ривоятҳо дар Инҷил ва ҳаёти носазовори масеҳиён гап зад, ва баъд ба зани бародарам фармуд, ки китобҳои масеҳии маро сӯзонад, ва ӯ дарҳол ин корро ба ҷо овард. Тамоми ин саҳна ба ман чунон таассуроти нохуш гузошт, ки ман зор-зор гиря кардам. Акнун аз Инҷил ва аз сӯҳбатҳои дӯстони навам дар бораи Исо ҳеҷ чизро фаҳмида гирифта наметавонам.

Боре ҳангоме ки аз ҷое мегузаштам, ки китоби «Дили Пак»-ро сӯзонда будам,

ман хеле афсӯс хӯрдам, ки чунин 10 китобчаи хубро нобуд кардам. Он қадар ки ман дар ёд доштам, дар он айнан ҳамон шиддатнокии ботинӣ тасвир ёфта буд, ки ман боз аз сар мегузарондам. Ман он сабукии хурсандибахшро ба ёд овардам, ки писараки бахшидашуда эҳсос намуд, ва бори гуноҳро дар дил боз бештар эҳсос намудам. Ҳамчун мусулмон ман медонистам, ки барои гуноҳҳоямон худамон масъулият дорем, ва ҳеҷ кас бори касеро бардошта наметавонад (Қуръон 6:164). Пас чӣ тавр Исо ягон касро бахшида метавонист? Шубҳаҳоямро бартараф карда натавониста, ман ба Худованд дуо гуфта, хоҳиш намудам, ки маро устувор намояд ва роҳнамой кунад.

Дарки гуноҳкорӣ маро як лаҳза тарк намекард, ва беист ба дили ман фишор меовард. Баъди ду ҳафта ман боз хоҳиши қавӣ ҳис намудам, ки бо дӯстони масеҳиямон вохӯрам. Ман бояд ба ягон кас оид ба мушкилот ва шубҳаҳоям мегуфтам. Миссионер маро дастгирӣ кард ва рӯҳбаланд намуд, ва ба саволҳои гуногун дар хусуси имон ва маросимҳои масеҳӣ ҷавоб дод. Бисёрии ҷавобҳои ӯ ба ман маъқул шуданд, зеро маълум буд, ки ӯ на танҳо Китоби Муқаддасро, балки Қуръонро низ, ва умуман, моҳияти имони мусулмониро хуб медонад.

Ман бо Инҷил, ки онро китобдори дӯстам ба ман тӯҳфа кард, ба хона баргаштам. Ман аз ин тӯҳфа хеле хурсанд шудам, аммо дар айни замон метарсидам, ки касе аз аҳли хонавода онро мебинад. Бинобар ин онроҳо ба пакети пластикӣ андохта, дар ҷангал дар зери санге пинҳон кардам. Баъд ман бисёр вақт ба ҷангал рафта, онро мехондам, хусусан Инҷили Юҳанноро. Як оят аз он бо суханони Масеҳ ба ман як андоза осудагӣ меовард:

«Дили шумо музтариб нашавад; ба Худо имон оваред, ба Ман низ имон оваред» (Юҳанно 14:1).

Суханони «ба Ман низ имон оваред» ба ман таассуроти махсусан амиқ гузоштанд. Дили ман он вақт пур аз изтироб буд ва алам буд, аммо ин оят осуда менамуд.

Якшанбеи оянда дар роҳ ба сӯи мактаби якшанбегӣ ман дар автобус амакамро дидам ва ба аз он фикр ба ларза даромадам, ки агар падарам фаҳмад, ки ман ба манъ кардани ӯ беитоатӣ намудаам, бо ман чӣ мекунад. Аммо, бо вуҷуди ин, ман ба ҳар ҳол ба мактаб рафтам ва муддате бо миссионер будам.

Пеш аз шиносой бо масеҳиён ман бар зидди онҳо ақидаи пешакии нодуруст доштам, зеро ҳамеша дар бораи онҳо фақат гапҳои бад шунида будам. Аммо миссионерро аз наздик шинохта, аз тарзи зиндагии ӯ ва муносибати ӯ ба мусулмонон огоҳ шуда, фаҳмидам, ки ҳамаи ин айбдоркуниҳо ба ӯ ҳеҷ гуна муносибат надоранд. Аз ҳамин сабаб шубҳаҳои нав пайдо шуданд. Магар муҳаббати ӯ назар ба муҳаббати мусулмонон бештар аст? Пас, Исо барои ӯ назар ба он чи пайғамбари ман бароям кардааст, корҳои бештарро ба ҷо овардааст? Ин саволҳо маро ба изтироб меоварданд, зеро ман чунин меҳисобидам, ки ҳамаи онҳое ки Масеҳро Худо меҳисобанд, кофир ҳастанд, ва Худо онҳоро рад мекунад.

Қуръон дар ин бора чунин мегӯяд:


لَقَدْ كَفَرَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓا۟ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْمَسِيحُ
ٱبْنُ مَرْيَمَ ۖ وَقَالَ ٱلْمَسِيحُ يَٰبَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ رَبِّى
وَرَبَّكُمْ ۖ إِنَّهُۥ مَن يُشْرِكْ بِٱللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ
ٱلْجَنَّةَ وَمَأْوَىٰهُ ٱلنَّارُ ۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ ﴿٧٢﴾
لَّقَدْ كَفَرَ ٱلَّذِينَ قَالُوٓا۟ إِنَّ ٱللَّهَ ثَالِثُ ثَلَٰثَةٍ ۘ وَمَا مِنْ إِلَٰهٍ
إِلَّآ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۚ وَإِن لَّمْ يَنتَهُوا۟ عَمَّا يَقُولُونَ لَيَمَسَّنَّ
ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِنْهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٧٣﴾

«Ба таҳқиқ онон, ки гуфтанд, ки Худо ҳамон Масеҳ писари Марям аст, кофир шуданд. Масеҳ гуфт: «Эй бани Исроил, Аллоҳро, Парвардигори ман ва Парвардигори худро бипарастед». Зеро ҳар кас, ки барои Худованд шарике қарор диҳад, Худо биҳиштро бар ӯҳаром кунад ва ҷойгоҳи ӯ оташ аст ва ситамкоронро ёваре нест. Онон, ки гуфтанд: «Аллоҳ барҳақ саввумини се аст», кофир шуданд. Дар ҳоле ки ҳеҷ маъбуде барҳақ ҷуз Аллоҳ нест. Агар аз он чи мегӯянд, бознаистанд, ба кофиронашон азобе дардовар хоҳад расид» (5:72,73).

Бояд гуфт, ки пештар ман чунин меҳисобидам, ки ҳамчун мусулмоне ки худро ба Худо тобеъ мекунад, ман аз масеҳиён росткортар ҳастам. Аммо бо мурури дарк намудани гуноҳкории худ ман ба фаҳмидани он сар кардам, ки на ман, балки миссионер ҳақиқатан худро ба ихтиёри Худо месупорад. Ин аз ҳамаи амалҳои ӯ бармеояд. Зиёда аз ин, ба ман аён шуд, ки муҳаббати ӯ аз Исои Масеҳ меояд. Ҳамааш маҳз ҳамон тавр буд, ки дар китобчаи аввалини ман «Дили Пак» тасвир ёфта буд.

Муҳаббати Исо маро чу оҳанрабо ҷалб менамуд. «Агар Исо муаллими ман мебуд, - фикр мекардам ман, - ман ӯро хеле дӯст медоштам!» Аммо ҳамин ки идеяи масеҳӣ шудан ба сарам меомад, ман ҳамон замон ин фикрро ҳамчун васвасаи шайтон аз худ дур мекардам, зеро ман ба ҳар ҳол мусулмон будам.

Ман аз мактаби якшанбегӣ бо тарси бузург баргаштам ва ботинан ба ҳама гуна ҷазо тайёр будам, аммо ду рӯз гузашт, ва ҳеҷ воқеа рӯй надод. Дар рӯзи сеюм, баъди мактаб, падарам маро дошта, ба замин партофт ба чунон калтаккорӣ кард, ки ман қариб мемурдам. Модарам барои халос кардани ман шитофт, аммо ӯ низ шаллоқ хӯрд. Танҳо ба шарофати марҳамати Худо ман ба ҳар ҳол сиҳат шудам. Ва боз ҳамон маросими пештараи тавба такрор шуд - ман эътирофи имони мусулмониро такрор кардам ва ваъда додам, ки дигар бо масеҳиён муошират накунам. Аммо ҳамаи инро ман фақат барои аз лату кӯби нав халос шудан кардам.

Дӯсти ман Абдулло дар хусуси он чи бо ман рӯй дод, ба тамоми аҳли деҳа нақл кард, ва ҳаёти ман мураккабтар гардид. Атрофиён маро масхара мекарданд, ҳақорат менамуданд ва ҳатто ба сӯи ман санг мепартофтанд. Ҳангоме ки ман аз мактаб ба хона бармегаштам, аз ҳама ҷо чунин суханон шунида мешуданд: «Муртади лаънатӣ!» «Нигоҳ кунед, ана масеҳӣ омада истодааст!» Ҳатто хешовандон, дӯстон ва муаллимон нисбати ман бераҳмона рафтор менамуданд. Ман хеле танҳо, ғамгин ва рӯҳафтода шуда будам. Ягона дӯсти ман дар он вақт Инҷили Муқаддас буд. Ҳар боре ки маврид шавад, ман ба ҷангал рафта, Навиштаи Муқаддасро мехондам ва меомӯхтам.

Инҷилро пинҳонӣ хонда, ман боз дар дил нооромиро эҳсос менамудам - мазмуни асосии он бо имони мусулмонии ман мухолифати зиёд дошт. Аз хондани онҳо ба изтироб наомадани мусулмони тақводор душвор аст, аммо суханони зерини Исо то чӣ андоза амиқ мебошанд, онҳо дилро чӣ қадар ба ҳаяҷон меоваранд ва чӣ гуна фикрҳоро ба миён меоваранд!

«Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба воситаи Ман» (Юҳ. 14:6).

«Ва ҳаёти ҷовидонӣ ин аст, ки Туро, ки Худои ягонаи ҳақиқӣ ҳастӣ, ва Исои Масеҳро, ки фиристодай, бишносанд» (Юҳ. 17:3).

«Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд» (Юҳ. 1:12).

«Ҳар кӣ Маро дӯст дорад, каломи Маро риоя хоҳад кард; ва Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Мо назди вай омада, бо вай маскан хоҳем гирифт» (Юҳ. 14:23).

Ман касеро намедонистам, ки маънои ин оятҳоро ба ман фаҳмонад, аммо ман аз Худованд хоҳиш мекардам, ки роҳнамой ман бошад.

ДАР БАНДИ МУҲАББАТ

Дард хомӯш шуд, ва захмҳо шифо ёфтанд, аммо нишонаҳои муҳаббати масеҳӣ ба таъсири китобҳо боқӣ монданд. Ман боз майл пайдо намудам, ки бо дӯстони масеҳии худ дӯстиро давом диҳам ва қарор додам, ки ҳарчи зудтар бо онҳо вохӯрам. Ҳангоме ки ман ба миссия равоа шудам, маро хешовандон ва ҷӯраҳоям диданд. Он вақт ман чунон тарсидам, ки қатъиян қарор додам дигар ба хона барнагардам, Бо миссионер вохӯрда, дар бораи азобҳои худ ба ӯ нақл намудам ва пайҳои зиёди лату кӯбҳоро нишон додам - ва аз ӯ хоҳиш намудам, ки ба ман ёрӣ диҳад, то ба Майсор, ки дар он ҷо апаам бо шавҳараш зиндагӣ мекард, равам. Апаам маро дӯст медошт, ва ман шубҳа надоштам, ки ӯ ва шавҳараш ба ман иҷозат медиҳанд, то дар хонаи онҳо зиндагӣ кунам. Аммо миссионер ба ҳар ҳол маслиҳат дод, ки ба хона баргардам, ва гуфт, ки ман фақат баъди ба воя расидан 15хонаи падару модарро тарк карда метавонам. То он вақт ман бояд оромона дар хона зиндагӣ кунам ва дар имон ва муҳаббат нашъунамо ёбам ва ба аҳди оила ва дӯстонам таъсири мусбат расонам. Ӯ маро бовар кунонд, ки Худо маро танҳо намегузорад. Ӯ бо миёнаравии Худ ҳамеша Наҷотдиҳанда, ҳимоятгар ва дӯсти ман хоҳад буд. Он вақт ман дар синфи ҳафтум таҳсил мекардам.

Ҳангоме ки сӯҳбат ба охир расид, аллакай бегоҳӣ фаро расид, ва ман аз танҳо ба хона баргаштан тарсида, иҷозат пурсидам, ки шабро дар толори китобхонӣ гузаронам. Рӯзи дигарро низ ман дар ҳамон ҷо бо дӯстам Ҷорҷ гузарондам. Баъзе ҳамсояҳоямон медонистанд, ки ман ба миссияи масеҳӣ рафтаам, ва ба он ҷо ҳамроҳи полис омаданд, то ки маро аз он ҷо гирифта баранд. Онҳо аз китобдор талаб карданд, ки фавран маро диҳад ва ҳатто ӯро дар рабудани ноболиғон айбдор намуданд. Дӯсти ман ба онҳо чунин ҷавоб дод: «Алавӣ бо ихтиёри худ дар ин ҷост. Шумо метавонед ӯро гиред, аммо бачаро дигар назанед». Ба мадади дӯстони масеҳии худ якчанд нафар мусулмононе ки дар миссия кор мекарданд, омаданд, ва байни онҳо ва таъқибкунандагони ман ҷанҷол рӯй дод. То даме ки онҳо мунозира мекарданд, ман аз дари ақиб берун баромада, ба канали дар наздикӣ буда равона шуда, вонамуд кардам, ки оббозӣ кардан мехоҳам.

Баъди муддате мусулмонон аз деҳаамон маро ёфта, бо худ ба китобҳонаи мусулмонии «Маппила-Наду» бурданд. Дар он ҷо боз маро пурсуков карданд - ҳама ба сари ман дод мезаданд ва ҳақорат медоданд. Ин вақт модарам маро дар хонаи хешовандон ҷустуҷӯ мекард. Хушбахтона, ба зудӣ шавҳари апаам омада, маро аз дасти мусулмонони ба хашм омада халос кард. Ҳамин ки мо ба хона расидем, падарам хоҳарамро фиристод, токи ҳамаи бародаронашро ба машварати оилавӣ даъват намояд, ва дар назди хонаамон тадриҷан тӯдаи одамон ҷамъ мешуданд.

Ҳангоме ки ҳама ҷамъ шуданд, падар ба онҳо муроҷиат намуда, пурсид: «Бо

Алавй чй кор мекунем? Мо бе ин ҳам ҳама кори аз дастамон меомадаро кардем, то ки ӯро аз муошират бо масеҳиён боздорем. Акнун чй кор карда метавонем?» Яке аз амакиҳоям маслиҳат дод, ки гардани маро буранд, амакии дуюм низ ӯро қатъиян тарафдорй кард, амакии сеюм бошад идеяи каме дигар дошт - ӯ маслиҳат дод, ки маро гурусна нигоҳ дошта, кушанд. Зеро, агар мувофиқи маслиҳати якум амал намоянд, тамоми оиларо ба ҳабсхона мешинонанд. Чунин суханонро шунида, модарам фарёд зад: «Агар шумоён писари маро куштанй бошед, аввал маро куштанатон лозим меояд!» Ман гиря кардам. Дард ва тарсеро, ки ман дар интизори қарори онҳо аз сар гузарондам, тасвир намудан душвор аст. Ниҳоят ҷамъшудагон қарор доданд, ки мувофиқи маслиҳати амакии сеюм амал намоянд. Пас аз бароварда шудани ҳукм яке аз онҳо маро бераҳмона лату кӯб кардан гирифт, то даме ки дар охир падарам ӯро боздошт. Баъд ӯ дастони маро ба ақиб баст, ва ман дар давоми се ҳафта дар ҳамин ҳолат будам. Бо фармони падарам ба ман дар як рӯз фақат як бор хӯрок медоданд, аммо вақте ки ӯ аз хона мерафт, модарам ба ман хӯрок медод.

Боре падарам ба хона ҳамроҳи додараш ва оҳангари деҳа омад. Амакам аз ман талаб намуд, ки дар ҳузури падарам эътирофи имони мусулмониро такрор кунам, аммо ман ҳарфе гуфта наметавонистам. Модар ва хоҳарам аз ман илтиҷо мекарданд, ки итоат намоям ва хости онҳоро ба ҷо оварам, аммо ман хомӯш будам. Ман намедонам, ки чй шуд. Аз афташ, ман лаёқати сухангӯиро аз даст дода будам... Дар охир падарам ба оҳангар фармуд, ки ба пойҳои ман ишкел занад ва бо занҷир ба девор устувор кунад. Дар давоми шаш ҳафтаи минбаъда ман дар чунин ҳолат будам. Собиқ ҷӯраам Абдулло, ки китоби худро даронда буд, гоҳ-гоҳ ба назди ман меомад ва мепурсид, ки чй чиз маро ба чунин рафтор водор мекунад. Ӯ медонист, ки ҳамааш аз китобча сар шуд. Ман ҷавоб намедодам. Дар фарш дар ҳолати занҷирбанд дароз кашида, ман суханони Инҷили муқаддасро ба ёд меовардам:

«Дили шумо музтариб нашавад; ба Худо имон оваред, ба Ман низ имон оваред» (Юҳ. 14:1).

«Ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростй шуморо озод хоҳад кард» (Юҳ. 8:32).

Саволе ба миён меояд, ки оё ин суханон дар ҳолати ман ҳамчун тамасхур садо медоданд? Не, баръакс. Дар чунин вазъиятҳои душвор мо некӯии Ӯро беҳтар эҳсос менамоем. Ӯ беш аз ҳар вақти дигар ба ман наздик буд. Ҳатто наздиктар аз он лаҳзаҳое ки ман пинҳонй дар ҷангал Инҷилро мехондам.

РАҲОИИ ИЛОҲЙ

Баъди шаш ҳафта ман гурехтам. Дар ин кор ба ман амакбачаи модарам ёрй расонд: ҳангоме ки дар хона ҳеҷ кас набуд, ӯ ишкелро шикаст. Аз ин лаҳза ба ман иҷозат дода шуд, ки дар озодй бошам, зеро ҳеҷ кас намехост маро боз занҷирбанд кунад. Зиёда аз ин, боиси ҳайрат буд, ки тамоми аҳли оила ба ман хайрхоҳона муносибат мекардагй шуданд. Ман ду ҳафта дар хона зиндагй кардам, ва тамоми ин муддат ба худ савол медодам, ки чаро ман бояд дар оила ва ҷамоате зиндагй кунам, ки дар дили ман на осоиш, балки тарсро ҷойгир кардаанд. Дар натиҷа ман қарор додам, ки аз хона гурезам.

Боре пас аз хӯроки нисфирӯзй ман ба модарам нигаристам, ва ногоҳ чашмонам аз ашк пур шуданд - охир ӯ дар бораи нақшаҳои ман ҳеҷ чизро намедонист. Лаҳзаи хайрбод бо аҳли хонавода фаро мерасид. Ман ба модарам гуфтам, ки барои оббозй кардан меравам, ва рафтам. Бигузор Худованд маро барои ин дурӯғ ва бисёр фиребҳои дигар, ки аз боиси сустии рӯҳонй он вақт ба ман ногузир метофтанд, бахшад. Ман даҳ километр роҳро то истгоҳи роҳи оҳани Тирур пиёда тай намуда, баъд бо қатора то шаҳри Каликут рафтам, ки аз деҳаи мо дар масофаи 30 километр буд. Ман аз қатора фаромада, ба ҷустуҷӯи кор равона шудам, ва ниҳоят дар як кафе ҷои кор ёфтам, аммо боз муддати зиёд ҳаёти ман ба сомон надаромада монд.

Баъдтар ман фаҳмидам, ки ҳангоми маҳбусиям дӯстони масеҳии ман бароям дуо мегуфтанд ва дар хусуси чй тавр ёрй расондан андеша менамуданд, аммо ҳеҷ кор карда наметавонистанд. Ин вақт сарварони динии мусулмонон ба ҳамаи сокинони деҳаи мо фармуданд, ки аз миссияи масеҳй худро дур гиранд ва кӯдакони худро аз яслиҳои онҳо гиранд. Дӯстони ман ба ҳуҷумҳои гуногун дучор мешуданд - мусулмонон ба воситаи баландгӯяк онҳоро дашном медоданд, ва дар назди дарвозаи миссия посбонон гузоштанд, ки онҳо ҳеҷ касро ба ҳудуди онҳо роҳ намедоданд. Мусулмононро танҳо ба дорухона ва дармонгоҳ роҳ медоданд. Рости гап, баъди муддате ҳамааш ба ҳолати пештара баргашт. Акнун ба воситаи баландгӯяк даъвати дигар садо медод: «Боёед нороҳат намудани масеҳиёнро бас кунем ва дар роҳи Аллоҳ меҳнати худро давом диҳем!» Баъди якчанд ҳафта мухолифат ба охир расид.

Соҳиби кафе, ки мусулмон буд, аз он норозй буд, ки ман ба курси навбатии ғоибонаи Китиби Муқаддас номнавис шудаам. Ман дар кафе боз панҷ моҳ кор кардам, ва баъд аз Каликут ба назди апаам ба Майсор равона шудам. Ман аз он ҷо ба дӯстам Ҷорҷ нома навишта, хоҳиш намудам, ки дар бораи ман ба ҳамаи дӯстон аз миссия паёмҳои нек расонад. Ҳамин тавр бори аввал онҳо фаҳмиданд, ки Худованд маро аз маҳбусй озод намуд. Ман номаро чунин ба охир расондам: «Корҳои ман хуб мебошанд. Доимо ба Худованд дуо гуфтанро давом медиҳам».

Як сол дар Майсор дар назди шавҳари апаам кор карда, ва боз ним сол дар киштии тиҷоратӣ кор карда, ман ба зодгоҳам баргаштам ва боз бо дӯстонам вохӯрдам. Онҳо аз омадани ман хеле хурсанд шуданд. Мутаассифона, ман бо миссионер дигар вохӯрда натавонистам, ӯ он вақт аллакай ба ватанаш бозгашта буд. Баъди муддате ман боз ба Майсор баргашта, дар назди шавҳари апаам, дар меҳмонхона ба кор даромадам. Баъд бо тавсияи ӯ ҳамчун шогирди монтёри хатти алоқа дар телеграфи маҳаллӣ ба кор сар кардам, аммо дар ин ҷо ба нохушии дигар рӯ ба рӯ шудам. Поям аз зону боло сахт осеб дид ва ман маҷбур будам аз кор равам.

Аммо роҳи баромад ёфт шуд. Ба зудӣ ман барои табобат ба Малабар рафтам, ки дар он ҷо дар беморхонаи миссияи масеҳӣ дӯсти ман кор мекард. Ман дар он ҷо бо ёрии ӯ аз муоинаи хуби тиббӣ гузаштам. Илова ба ин, дар Малабар ман боз бо миссионер вохӯрдам - ӯ ин вақт боз ба Ҳиндустон баргашта буд. Ӯ аз дидани ман хеле хурсанд шуд ва дар бораи саргузаштҳо ва мусофиратҳои ман бисёр пурсупос намуд. Ман аз ӯ фаҳмидам, ки тамоми ин муддат бисёр касон барои ман дуо мегуфтанд. Миссионер ба ман номае дод, то ба дӯсташ, ки барои табобати ман ёрӣ дода метавонист, бурда диҳам. Вохӯрӣ бо дӯсти нав ба ман хурсандии зиёд овард. Зиёда аз ин, дертар ӯ яке аз устодони рӯҳонии ман шуд, занаш бошад - модархонди ман. Бо ёрии ин миссионер ва духтури шиноси ӯ ман барои табобат дар беморхонаи масеҳӣ дар назди колеҷи тиббӣ дар Веллор имкон пайдо намудам.

Аз беморхона баргашта, ман ба ташкилоти ҳиндии миссионерии масеҳӣ дар Майсор дохил шудам ва дар он ҷо се моҳ кор кардам. Ман бо паҳн кардани адабиёти масеҳӣ мапнул мешудам ва дар бораи Масеҳ башорат медодам. Ҳангоме ки апаам ва шавҳараш дар бораи фаъолияти ман фаҳмиданд, хеле хашмгин шуда, ба хонаашон роҳ надоданд. Аммо миссионер маро ба хонаи шубони масеҳӣ дар шаҳри Гундулупет ҷойгир намуд. Муошират бо шубон ва аҳли оилааш ба ман хурсандии зиёд оварда ва имкон дод, ки дар муддати чор моҳ масеҳиятро омӯзам. Баъд ман узви калисои лютерании ҳиндӣ шудам ва як соли дароз бо паҳн кардани адабиётӣ масеҳӣ дар гӯшаҳои гуногуни Ҳиндустони ҷанубӣ машғул шудам. Вақти он расид, ки Худо маро ба хизмат даъват намояд.

Ҳамаи ин солҳо ман орзу мекардам, ки Китоби Муқаддасро муфассалтар омӯзам, бинобар ин, ҳангоме имконияти амалӣ намудани орзуи деринаам пайдо шуд, хеле хурсанд шудам. Дар соли 1970 ман ба курси яксолаи омӯзиши Китоби Муқаддас дар семинарияи Конкордия дар шаҳри Найчеркойл дохил шудам. Дар китобхонаи семинария ман ҳамчунин бисёр китобҳои хубро дар бораи ислом дарёфт намудам, онҳо ба ман ёрӣ доданд, ки аз шубҳаҳоям раҳо шавам.

БА ДАСТ ОВАРДАНИ НУР

Акнун, ҳангоме ки имконияти ҳақиқии омӯхтан пайдо шуд, ман ба омӯзиши шахсият ва меҳнатҳои Наҷотдиҳанда диққати бештар додам - оятҳои Қуръонро, 21 ки дар онҳо Масеҳ зикр мешуд, бо донишҳои наве ки аз Китоби Муқаддас ба даст оварда будам, ва бо таҷрибаи рӯҳонии имон ба Исо муқоиса менамудам.

Пеш аз ҳама маро бегуноҳии Масеҳ ва гуноҳҳои одамони дигарро бахшида тавонистани Ӯ ба ҳаяҷон меовард. Ман аз тазоди байни Исои бегуноҳ ва пайғамбарони гуноҳкор, ки дар Қуръон зикр мешаванд, ҳайрон мешудам. Масалан, ин оят аз Қуръон, ки ба Муҳаммад нигаронида шудааст:

لِّيَغْفِرَ لَكَ ٱللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِن ذَنۢبِكَ
وَمَا تَأَخَّرَ وَيُتِمَّ نِعْمَتَهُۥ عَلَيْكَ وَيَهْدِيَكَ صِرَٰطًا مُّسْتَقِيمًا ۝٢

«То Худо гуноҳи туро, он чй пеш аз ин буда ва он чй пас аз ин бошад, барои ту биёмурзад ва неъмати худро бар ту тамом кунад ва туро ба сироти мустақим роҳ намояд» (48:2).

«Сабр кун, ки албатта, ваъдаи Худо ҳақ аст. Барои гуноҳат омурзиш бихоҳ ва ҳар шомгоҳу бомдод ба ситоиши Парвардигоратон тасбеҳ бигӯй» (40:55).

«Пас, бидон ҳеҷ маъбуде чуз Аллоҳ нест. Аз гуноҳи худ ва аз гуноҳи мардону занони мӯъмин омурзиш бихоҳ. Худо медонад, ки рӯз ба куҷо меравед ва шаб дар куҷо меоромед» (47:19).

Ғайр аз ин, дар Қуръон гуфта шудааст: «Ҳеҷ кас бори гуноҳи дигареро бар дӯш накашад» (35:18). Пас чй тавр яке аз ин пайғамбарон бори гуноҳи одамони дигарро бардошта метавонист?

Аммо дар Қуръон чунин суханони фаришта Ҷабраил низ оварда шудаанд, киӯдар бораи писари Марям мегӯяд:

قَالَ إِنَّمَآ أَنَا۠ رَسُولُ رَبِّكِ لِأَهَبَ لَكِ غُلَٰمًا زَكِيًّا ۝١٩

«Гуфт: "Ман фиристодаи Парвардигори ту ҳастам, то туро писаре покиза бибахшам"» (19:19).

Ин фактро суннат низ тасдиқ мекунад: «Ҳар як фарзанди инсонро ҳангоми зода шудан шайтон ламс мекунад, магар ин ки Марям ва писари ӯро».

Дар Инҷил низ ишораи равшане ба покӣ ва бегуноҳии Масеҳ ҳаст. «Кист аз шумо ки Маро ба гуноҳе таъна зада тавонад? Пас агар Ман сухани ростро гӯям, чаро ба Ман имон намеоваред?» (Юҳ. 8:46). Сипас дар Инҷил гуфта мешавад, ки Масеҳ гуноҳҳои моро кафорат менамояд:

«Ҳар кӣ гуноҳ мекунад, шариатро мешиканад, ва гуноҳ шикастани шариат аст. Ва шумо медонед, ки Ӯ барои бардоштани гуноҳҳои мо зоҳир шуд, ва дар Ӯ гуноҳе нест» (1Юҳ. 3:4,5).

Шояд Исо маҳз барои он ҷони бегуноҳ дошт, ки бори одамони дигарро бардошта тавонад? Дар Қуръон гуфта шудааст, ки Исо пок аст, агарчи дар айни замон фаҳмонда намешавад, ки Худо чӣ мақсад дошт, ҳангоме ба Марям писари бегуноҳро дод.

Сипас Қуръон ба Исо чунин сифатҳоеро нисбат медиҳад, ки ҳеҷ як пайғамбар ё ҳаввории дигар надорад. Ӯ Каломи Худо ва Рӯҳ аз Парвардигор номида мешавад:


يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ لَا تَغۡلُواْ فِي دِينِكُمۡ وَلَا تَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ إِلَّا
ٱلۡحَقَّۚ إِنَّمَا ٱلۡمَسِيحُ عِيسَى ٱبۡنُ مَرۡيَمَ رَسُولُ ٱللَّهِ وَكَلِمَتُهُۥٓ
أَلۡقَىٰهَآ إِلَىٰ مَرۡيَمَ وَرُوحٞ مِّنۡهُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦۖ وَلَا
تَقُولُواْ ثَلَٰثَةٌۚ ٱنتَهُواْ خَيۡرٗا لَّكُمۡۚ إِنَّمَا ٱللَّهُ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ سُبۡحَٰنَهُۥٓ
أَن يَكُونَ لَهُۥ وَلَدٞۘ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ
وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلٗا ١٧١

«Эй аҳли Китоб, дар дини хеш аз ҳад нагузаред ва дар бораи Худо ҷуз сухани

ҳақ магӯед. Ҳароина Исо, писари Марям, паёмбари Худо ва калимаи ӯ буд, ки ба Марямаш афканд ва рӯҳе аз ӯ буд. Пас ба Худо ва паёмбаронаш имон биёваред ва магӯед, ки се аст. Аз ин андешаҳо бозистед, ки хайри шумо дар он хоҳад буд. Чуз ин нест, ки Аллоҳ худоест якто» (4:171).

Ва фариштаи Чабраил ба Марям бо чунин суханон муроҷиат мекунад:

«Гуфт: Парвардитори ту инчунин гуфтааст: "Ин барои ман осон аст. Мо он писарро барои мардум оятеву бахшоише кунем ва ин корест ҳатмӣ ва поёнёфта"» (19:21).

Ва дар давомаш: «Ва он занро (ёд кун), ки шармгоҳи худро нигоҳ дошт ва Мо аз рӯҳи Худ дар ӯ дамидем, ӯ ва фарзандашро барои ҷаҳониён ибрате гардонидем» (21:91).

Дар давомаш оид ба Исо ҳар чи гуфта шавад ҳам, бе шубҳа, Ӯ дар назди мо ҳамчун шахсияти нотакрор ҳувайдо мегардад - Худо Калом ва Рӯҳ аз Парвардигор. Мувофиқи Қуръон - Масеҳ офаридгори ҳақиқӣ, шифодиҳанда буда, ҳатто мурдагонро зинда карда метавонад (3:49). Дар ҳамон ҷо дар бораи ба осмонҳо сууд намудани ӯ ва то ҳол дар он ҷо будани ӯ гуфта шудааст.

Ба шарофати тадқиқотҳои минбаъда, ман фарқи истифодаи ибораи «Писари Худо»-ро дар Қуръон ва Китоби Муқаддас фаҳмидам. Худо имконияти ба маънои ҷисмонӣ ба вуҷуд овардан ё ба вуҷуд оварда шудани Худоро инкор мекунад. Китоби Муқаддас низ чунин маънидодро инкор мекунад. Дар ниҳояти кор ман барои худ қарор додам, ки Исо метавонад ба маънои рӯҳонӣ «Писари Худо» номида шавад (мувофиқи он маънидоде ки Китоби Муқаддас ба ин ибора медиҳад), монанди он ки Ӯ Каломи Худо номида мешавад. Ман дар ин ҷо боз ба Қуръон шукргузор будам, ки барои пурратар фаҳмидани ибораи «Писари Худо» дар Китоби Муқаддас дар истифодаи нотакрор нисбати Исо ҳамчун як навъ кӯпрук хизмат намуд.

Шубҳае нест ки мусулмонон қиссаи Китоби Муқаддасро оид ба марг, эҳё ва

ба осмон сууд намудани ӯ дар асоси ояти зерин аз сураи «Нисо» рад мекунанд.


وَقَوْلِهِمْ إِنَّا قَتَلْنَا ٱلْمَسِيحَ عِيسَى ٱبْنَ مَرْيَمَ
رَسُولَ ٱللَّهِ وَمَا قَتَلُوهُ وَمَا صَلَبُوهُ وَلَٰكِن شُبِّهَ لَهُمْ ۚ وَإِنَّ ٱلَّذِينَ
ٱخْتَلَفُوا۟ فِيهِ لَفِى شَكٍّ مِّنْهُ ۚ مَا لَهُم بِهِۦ مِنْ عِلْمٍ إِلَّا ٱتِّبَاعَ ٱلظَّنِّ ۚ
وَمَا قَتَلُوهُ يَقِينًۢا ﴿١٥٧﴾

«Ва низ ба он сабаб, ки гуфтанд: "Мо Масеҳ, писари Марям, паёмбари Худоро куштем". Ва ҳол он, ки онон Масеҳро накуштанд ва бар дор наовехтанд, балки ин амр барояшон монанд шуд. Ҳароина он, ки дар бораи ӯ ихтилоф мекарданд, худ дар шакку шубҳа буданд ва ба он яқин надоштанд. Танҳо пайрави гумони худ буданд ва Исоро ба яқин накушта буданд...» (4:157-159).

Рости гап, дар дигар ҷойҳои Қуръон ба ҳар ҳол зикри марги Исо ҳаст, аммо илоҳиётшиносони исломӣ дар тафсири ин оятҳо ихтилофи зиёд доранд. Инак баъзе оятҳои муҳимтарин:


وَٱلسَّلَٰمُ عَلَىَّ يَوْمَ وُلِدتُّ وَيَوْمَ أَمُوتُ وَيَوْمَ أُبْعَثُ حَيًّا ﴿٣٣﴾

«Салом бар ман, рузе, ки зода шудам ва рузе, ки мемирам ва рӯзе, ки дигар бор зинда карда мешавам!» (19:33).


إِذْ قَالَ ٱللَّهُ يَٰعِيسَىٰٓ إِنِّي مُتَوَفِّيكَ وَرَافِعُكَ
إِلَيَّ وَمُطَهِّرُكَ مِنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَجَاعِلُ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوكَ
فَوْقَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ ۖ ثُمَّ إِلَيَّ مَرْجِعُكُمْ
فَأَحْكُمُ بَيْنَكُمْ فِيمَا كُنتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ ۝

«Он гоҳ Худо гуфт: «Эй Исо, ман туро мемиронам ва ба сӯи худ бармеоварам ва аз кофирон дур месозам ва то рӯзи қиёмат ононро, ки аз ту пайравӣ кунанд, болои кофирон қарор хоҳам дод. Сипас бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Ман аст ва Ман дар он чи ихтилоф мекардед, миёнатон хукм мекунам» (3:55).


إِذْ قَالَ ٱللَّهُ يَٰعِيسَىٰٓ إِنِّي مُتَوَفِّيكَ وَرَافِعُكَ
إِلَيَّ وَمُطَهِّرُكَ مِنَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ وَجَاعِلُ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوكَ
فَوْقَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓا۟ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ ۖ ثُمَّ إِلَيَّ مَرْجِعُكُمْ
فَأَحْكُمُ بَيْنَكُمْ فِيمَا كُنتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ ۝

«Ман ба онон чуз он чи Ту фармонам дода будӣ, нагуфтам. Гуфтам, ки Аллоҳ, Парвардигори маро ва Парвардигори худро бипарастед. Ва ман то дар миёнашон будам, нигаҳбони ақидаашон будам ва чун маро баргирифтӣ, Ту худ нигаҳбони ақида ва аъмолашон гаштӣ. Ва Ту бар ҳар чизе огоҳӣ» (5:117).

Дар ду ояти охир ба чунин суханон аҳамият диҳед: «туро мемиронам» (3:55)

ва «чун маро баргирифтӣ» (5:117). Дар нусхаи асли арабӣ дар ин ҷо калимаҳои «мутаваффийка» ва «таваффайтанӣ» мебошанд. Бисёр илоҳиётшиносони мӯҳтарам дар тафсирҳо ба Қуръон ин феълро ҳамчун «аз ҳаёт маҳрум намудан» ё «куштан» тарҷума карда, зикр менамоянд, ки марги Исо пеш аз сууд намудани ӯ ба осмон воқеъ шуда буд.

Дар ҳар ҳолат Китоби Муқаддас нисбати вақт, макон ва шароитҳои марги Исо барои шубҳа ҷой намегузорад. Ӯ ба салиб кашида шуд, мурд, ва баъд дафн карда шуд. Қатл берун аз деворҳои Уршалим воқеъ шуд. Дар он замон Пилотус дар Яҳудо волии румӣ буд. Фактҳои таърихӣ ҳаминҳоянд. Дар Китоби Муқаддас оид ба марги Исо борҳо ба таври возеҳу равшан гуфта шудааст. Ҳамин гуна возеҳу равшан Китоби Муқаддас робитаи байни марги Исо, эҳёи Ӯ ва ба осмон бурда шудани Ӯ, ва низ мақсад ва аҳамияти ин воқеаҳои бузургро дар ҳаёти Ӯ нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, андешарониҳо оиди Масеҳ дар Аҳди Ҷадид ба ман ёрӣ доданд, ки ин ҷойҳо ва бисёр ҷойҳои дигари Қуръонро фаҳмам. Дар онҳо на танҳо муносибатҳои махсуси Исо бо Худо нишон дода шудаанд, балки ҳамчунин мақсади махсуси Офаридгор, ки Исоро - Каломи Худоро ба ин ҷаҳони пургуноҳ фиристодааст, ба назар мерасад. Ва ман боз китоби «Дили Пак»-ро ба ёд овардам. Охир, дар он ҷо низ гуфта мешуд, ки Худо ба ҳамаи гуноҳкорон Каломи омурзиши Худро фақат ба воситаи Исо, ба воситаи марги ӯ дар салиб ва эҳёгардидани ӯ фиристод. Китоби Муқаддасро ҳар қадар бештар хонам, ин Калом дар ман низ бо қуввати бештар садо медод ва ҳамаи шубҳаҳои маро яке паси дигар барҳам мезад. Аммо як савол ба ҳар ҳол маро ором намегузошт: бо падид омадани Муҳаммад, ки мувофиқи Қуръон, Исо пешгӯй кардааст, чӣ кунам?



«Ва Исо ибни Марям гуфт: "Эй бани Исроил, ҳароина, ман паёмбари Худо бар шумо ҳастам. Тавротеро, ки пеш аз ман будааст, тасдиқ мекунам ва ба

паёмбаре, ки баъд аз ман меояд ва номаш Аҳмад аст, хушхабаратон медиҳам". Чун он паёмбар бо оёти равшани худ омад, гуфтанд: "Ин ҷодуест ошкор!"» (61:6).

Маънои калимаи арабии «Аҳмад» - «муборак», ё «ҳамдшаванда» аст, ва ин калима бо номи Муҳаммад ҳамреша аст. Пас, ин ҷой дар Қуръон маънои онро дорад, ки Исо падид омадани Муҳаммадро пешгӯй кардааст, ҳамин тавр не? Ба ҳар ҳол, маро ҳамин тавр таълим дода буданд, ва ман ба ин бовар мекардам.

Ман Китоби Муқаддасро меомӯхтам, то бифаҳмам, ки дар он ҷо оид ба Муҳаммад чизе гуфта шудааст ё не. Он гоҳ ман ин саволро ба устодони худ додам, аммо онҳо низ тасдиқ намуданд, ки дар Китоби Муқаддар дар ин хусус ҳеҷ чиз гуфта нашудааст. Аммо, боре ба тафсири исломии Қуръон нигариста, ба ҳар ҳол якчанд иқтибосҳо аз Китоби Муқаддас ёфтам, ки барои тасдиқи чунин фаҳмиши ояти 6-уми сураи 61 оварда шудаанд. Ояти зерин аз Инҷил махсусан таъкид карда мешуд:

«Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад» (Юҳ. 14:16).

Ба забони юнонӣ «пуштибон» «параклетос» аст (зеро забони нусхаи асли Инҷил - юнонӣ аст). Тартибдиҳандаи тафсир ба он нукта ишора мекард, ки дар аввал дар матни юнонии Инҷил калимаи «периклутос» истифода мешуд, ки маънояш «муборак» аст. Ба фикри ӯ, масеҳиён дертар «периклутос»-ро бо «параклетос» иваз намуданд, то ки ишораро ба пайғамбар Муҳаммад дур кунанд.

Ман инро хонда, хеле ба изтироб омадам, Ман забони юнониро намедонистам ва, ғайр аз ин, аз имон ба Муҳаммад даст кашидан барои ман осон набуд, зеро ӯ чун пештара дар дили ман мақоми намоёне дошт. Ман қарор додам, ки ин масъаларо аз муаллими забони юнонӣ аниқ кунам, ва ӯ ҷавоб дод, ки дар матни юнонии Инҷили Юҳанно калимаи «периклутос» нест ва набуд. Баъд ӯ маънои калимаи «параклетос»-ро ки аз ибтидо дар Китоби Муқаддас истифода мешуд, ба ман фаҳмонд. Гап дар он аст, ки дар ин оят (Юҳ. 14:16) Исо дар бораи фуруд омадани Рӯҳулқудс гап мезанад (Аъм. 2:1-11), ки ҳамеша дар одамони Худо ҳамчун Пуштибон ва ҳидояткунанда сокин аст.

Ман қарор додам, ки бо ҳамин савол ба Худо муроҷиат намуда, хоҳиш кунам, ки ба ман фаҳмиши возеҳу равшанро диҳад. Як бегоҳ, пас аз дуо, ман дароз кашидам, аммо хобам намебурд, ва дар хомӯшӣ овозеро шунидам, ё ба ҳар ҳол, чунин ба назарам тофт, ки суханонеро, ки ба ман нигаронида шудаанд, мешунавам: «Бархез ба бихон!» Дар аввал ман ҳамаи инро бозии хаёл гумон кардам, аммо даъват гаштаву баргашта такрор шуд. Он гоҳ ман бархеста, Китоби Муқаддасро кушодам ва оятҳои зеринро аз Инҷили Юҳанно якчанд бор хондам:

«Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард. Ва Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад, яъне Рӯҳи ростӣ, ки ҷаҳон наметавонад Ӯро бипазирад, зеро ки Ӯро намебинад ва намешиносад, лекин шумо Ӯро мешиносед, зеро ки Ӯ

бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд» (14:15-17).

То даме ки ман ин оятҳоро мехондам, дар сари ман дарҳол якчанд савол пайдо шуд. «Оё ягон вақт ту дар Қуръон ё дар ҳақдисҳо хондай, ки Муҳаммад Рӯҳи ҳақиқат аст, ки ҳамеша бо туст, Пуштибоне ки ҷаҳон наметавонад Ӯро бипазирад, зеро ки Ӯро намебинад ва намешиносад, лекин дар ту мемонад?» Ҳамин вақт ман фаҳмидам, ки дар ин суханон ҳеҷ гуна пегшӯй дар бораиомадани пайғамбар нест ва онҳо ба мавҷуди инсонӣ дахл надоранд. Зиёда аз ин, ман ба ёд овардам, ки ин пеннӯиҳо дар замони масеҳиёни аввалин иҷро шуданд, чунон ки дар ин бора Аъмоли Ҳавворион нақл мекунад (2.1-11). Ниҳоят ман ҳақиқати бузургро дарк намудам. Пуштибоне ки Исо фиристодани Ӯро ваъда дод, Рӯҳулқудс аст, Рӯҳи абадии Худои зинда, на ин ки фариштаи Ҷабраил.

Дертар ман қувваи Рӯҳулқудсро дар таҷрибаи худ дидам. Ман ба воситаи Ӯ назди Масеҳ омадам. Туро ҷалол бод, Худоё! Омин!

Бо эҳтиёткорӣ ва фаҳмиш ман хондани китобҳои Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадидро давом медодам. Дар Китоби Муқаддас ман сарватеро ошкор намудам, ки ҳеҷ гоҳ дар бораи он орзу ҳам накарда будам, - дар он барои маълумотнок намудани касоне ки ҳақиқатан ваҳӣ ва ҳидояти илоҳиро ба даст овардан мехоҳанд, қуввае ҳаст. Он бароям «ман»-и ҳақиқӣ, дили пургуноҳ ва нобиноии рӯҳониямро ошкор намуд. Ман аз ин китоби абадӣ фаҳмидам, ки бояд ҳамаи гуноҳҳо ва саволҳои худро назди Худо пеш оварда, аз Ӯ хоҳиш намоям, ки ба номи Исои Масеҳ онҳоро ҳал намояд. Исо ба ин ҷаҳон омад, то ки маро ёбад! Ӯ барои гуноҳҳои ман мурд ва аз мурдагон зинда шуда, ба осмонҳо сууд намуд, ва замоне фаро мерасад, ки Ӯ бозмегардад. Ман боварӣ ҳосил намудам, ки Навиштаи Муқаддас - Каломи ҳақиқии Худост. Китоби Муқаддас ба саволҳое ки маро безобита мекарданд, ҷавоб дод. Оби зиндаи он ғамҳои маро рафъ намуд ба ҷомаро сер кард. Ниҳоят ман барои худ он чиро ошкор намудам, ки дар таҷрибаи пештараи рӯҳониям намерасид, - ман бе шубҳа боварӣ ҳосил намудам, ки меҳнат ва таълимоти Исо - ин сирри ба ҷаҳони мо дар сурати одамӣ омадани Каломи абадии Худо - дар Китоби 31 Муқаддас дуруст ва аниқ тасвир ёфтаанд. Акнун ман ба ҳаққонияти марг, эҳё ва ба осмон сууд намудан ва омадани дубораи Ӯ боварӣ ҳосил намудам, ки пештар ман инро намефаҳмидам ва аз ҳамин сабаб нисбати масеҳият ақидаи пешакии нодуруст ва ҳатто нафрат доштам. Китоби Муқаддас дар бораи қувваи илоҳии наҷот, муҳаббати Худованд ба ман ва ба ҳамаи одамон башорат медиҳад. Ва ин Хушхабар ба дили инсон осоиш меоварад. Муҳаббати Худо дар Масеҳ, дар марги ӯ барои гуноҳҳои мо ва дар эҳёи ӯ ифодаи пурратарини худро ёфт. Чунон ки ҳавворӣ Павлус пас аз Исо ва шогирдонаш гуфта буд:

«Зеро ки дар аввал он чиро, ки низ қабул кардаам, ба шумо супурдаам, ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд, ва Ӯ дафн карда шуд ва, мувофиқи Навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳё шуд» (1Қӯр. 15:3-4).

Бе шубҳа, бисёр дӯстони мусулмони ман чун пештара гумон хоҳанд кард, ки Китоби Муқаддас вайроншуда ва нокомил аст ва Қуръон ҳамаи он чиро, ки дар он ҳаст, бекор мекунад.

Аммо ба ҳар ҳол мехоҳам, ки агар онҳо муқаддасии Худо ва гуноҳкории худро дарк мекарда бошанд, дар хусуси маънои Навиштаи Муқаддас ба таври ҷиддӣ фикр кунанд. Ва баъд хулосаҳо бароранд ва бо роҳи худ ба сӯи ҳақиқат раванд, чунон ки дар вақташ нависандаи ин сатрҳо кардааст.

ҚАРОРИ БУЗУРГ

19-уми июли соли 1970 ман қарор додам, ки худро ба таври ниҳой ба Исои Масеҳ бахшам. Аз ҳамаи гуноҳҳо ва шубҳаҳои худ тавба карда, ман бо Ӯ ва муҳаббати омурзандаи Ӯ дар ғӯтаи таъмид муттаҳид гаштам. Ҳангоме ки маросим сар шуд, ман ба ларза даромадам. Ман ҳис кардам, ки ба ман қувваи илоҳй дохил мешавад, ва ҳамчун инсони дигар, бо осоиш дар дил ва устувории равшани фикр аз зону бархестам. Ва ҳозир ман чун пештара ҳамон хурсандй, умед ва бовариро ба дурустии роҳи интихобкардаам дорам. Инро фаҳмондани ман душвор аст, аммо ман ҳис мекардам ва боварй доштам, ки ҳамаи гуноҳҳои ман бо хуни гаронбаҳои Исои Масеҳ шуста шудаанд, ва ба ин восита ман барои ҳаёти нави пурмуҳаббат қувват ёфтам, ва дар дили ман аз ҳамон вақт Худи Худовандамон Исои Масеҳ сокин шуд.

ДАР ХИЗМАТИ ХУДОВАНД

Ба зудй имконият пайдо шуд, ки дар миссияи масеҳии «Оперейшн мобилизейшн», ки дар ноҳияҳои гуногуни Ҳиндустон бо расондани Хушхабар маштул мешуд, кор кунам. Қариб ду сол бо чунин меҳнатҳо гузашт. Дар ин муддат ман чй маъно доштани дар амал пайрави Исо буданро беҳтар фаҳмидам, ва аз Офаридгор ва аз дӯстонам дар «Оперейшн мобилизейшн» шукргузорам, ки дар вақти барои ман душвор ба ман дасти мадад дароз карданд ва имкон доданд, ки ҳамроҳи онҳо кор кунам. Баъд ман ба Семинарияи илоҳиётшиносии Конкордия баргаштам ва дар соли 1975 курси пурраи илоҳиётшиносиро ба анҷом расондам.

Ҳозир ман бо он маштул ҳастам, ки нури Инҷилро ба халқи худ мерасонам, хусусан дар иёлати худ. Бигузор Худо чунин бикунад, ки халқи ман тӯҳфаи наҷотро, ки Исои Масеҳ ба он мерасонад, қабул намоянд.

«Ман роҳ ва ростй ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба воситаи Ман» (Юҳ. 14:6). 33«Ва ҳаёти ҷовидонй ин аст, ки Туро, ки Худои ягонаи ҳақиқй ҳастй, ва Исои Масеҳро, ки фиристодай, бишносанд» (Юҳ. 17:3).

«Ман Нури ҷаҳон ҳастам; ҳар кй Маро пайравй кунад, дар торикй роҳ намепаймояд, балки нури ҳаётро ёбад» (Юҳ. 8:12).

ХУЛОСА

Ман Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаам қабул намудам. Ӯ тавонист ҳаёти маро дигаргун кунад, ба ман хушбахтӣ, осоиш ва умед диҳад. Наҷотдиҳанда ҳангоми нотавон буданам маро устувор намуд. Ҳамчун Худои зинда ӯ ба ҳаёти ман меояд, то ба он мақсади нав диҳад, ва дар осмонҳо ҳаёти абадиро ваъда медиҳад. Ман медонам, ки ба оилаи илоҳии Худованд тааллуқ дорам ва ба суханони пайғамбари бузург Довуд бовар мекунам: «Зеро ки падару модарам маро тарк кардаанд, вале Парвардигор маро пазирой менамояд» (Заб. 26:10).

Дар ҳамаи мушкилот, шубҳаҳо ва васвасаҳо ба чеҳраи Ӯ нигаристанам кифоя аст, то ҳамааш рафъ шавад. Дар лаҳзаҳои танҳой, хастагӣ ва андӯҳҳо ман ҳамеша Наҷотдиҳандаро барои некӯияш ҳамду сано мехонам.

Исо гуфтааст:

«На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред, ва меваи шумо бимонад, то ки ҳар чи аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато кунад» (Юҳ. 15:16).

На ман Ӯро интихоб кардам, балки Ӯ маро интихобнамудааст. Ба шарофати Ӯ саргузашти Пак саргузашти Алавӣ шуд.